# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Яке аз вазифаҳои муҳим дар омӯзиши олами набобот омӯхтани таксонҳои маъмултарин ва гуногунии таркиби флора мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши оилаи Lamiaceae Mart., ки яке аз оилаҳои калони таркиби флораи олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз рӯи гуфтаҳои муаллифи диссертатсия Абдуғафури Сафар, тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба оилаи – Lamiaceae Mart. 198 намуд, 39 авлод мансубанд, ки аз ин миқдор 38 авлод, 118 намуд дар таркиби ноҳияи флораи Ҳисору Дарвоз ва 74 намуд, 33 авлод дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавҷуд мебошанд.

Ҳамзамон ба андешаи муаллифи диссертатсия намояндаҳои оила лабгулон (Lamiaceae Mart.) дар ташаккули олами растаниҳои Тоҷикистон саҳми назаррас дошта, инчунин дар таркиби онҳо растаниҳои равғани эфирӣ (30 намуд), доруворӣ (21 намуд), асаловар (14 намуд), ороишӣ (5 намуд) ва хӯроки чорво (25 намуд) мавҷуд будааст. Дар иртибот ба ин бояд гуфт, ки намудҳои авлодҳои *Mentha, Salvia, Nepeta, Ziziphora, Melissa, Origanum, Lamium, Hyssopus* ва ғайраҳо дар Тоҷикистон ва манотиқи омӯзиш васеъ паҳн шуда, дар тибби анъанавӣ истифода мешудааанд.

То ҳол таҳқиқоти махсуси бисёрҷонибаи оилаи Лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон гузаронида нашудааст. Бинобар ин, рисолаи номзаии Абдуғафури Сафар актуалӣ буда, дар он бори́аввал оид ба хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудааст, ки то ҳол оид ба ин мавзӯъ таҳқиқоти муфассали илмӣ гузаронида нашудааст.

Оид ба мавзӯи таҳқикоти диссертатсия 8 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд.

Сохтори рисолаи номзадӣ аз 178 саҳифа иборат буда, муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашудаsро дар бар мегирад ва ҳамзамон дар он 47 расм, 7 ҷадвал, 2 диаграмма, 4 харита ва замимаҳо оварда шудаанд. Дар кори диссертатсионӣ 146 адабиёт истифода шудааст, ки 10 адади он ба забони хориҷӣ мебошад.

Дар муқаддима ба таври мухтасар аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи тадқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии рисола баррасӣ шудаанд.

Навгониҳои илмии бадастомадаи унвонҷӯ ин аввалин маротиба таҳлили фитотсенологӣ ва систематикӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки дар минтақаи омӯзиш 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд буда, аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудашон ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудаанд.

Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуданд. Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд.

Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

Боби якуми рисола тавсифи пурраи геологӣ, иқлим, намудҳои гуногуни хокҳо ва набототи минтақаи омӯзиш оварда шудааст. Инчунин дар рисолаи номзадӣ харитаи орографии қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар миқёси 1:500000 нишон дода шудааст.

Аз ҷиҳати набототи қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба ноҳияи флористии Тоҷикистони марказӣ мансуб мебошад. Аз 20 типи набототи растаниҳо, ки барои кӯҳҳои Помиру Олой мансуб донистаанд, аксарияти онҳо дар қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дида мешаваднд.

Боби дуюм ба шарҳи адабиёт иртибот дошта, дар он унвонҷӯ маълумотҳои аввалин оид ба гуногунии оилаи лабгулҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, ки дар таҳқиқотҳои олимон дарҷ гардидаанд, аз асарҳои онҳо иқтибосҳои зиёде гирд оварда аст.

Дар боби сеюми рисола оид ба тавсиф ва хусусиятҳои фитосенологии намудҳои оилаи лабгулҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор маълумот гирд оварда шуда, таҳлили систематикӣ, экологӣ ва шакли ҳаётии намудҳои оилаи лабгулҳо нишон дода шудааст. Ҳамзамон дар ин боб оид ба хусусиятҳои фитотсенологии баъзе намудҳои доминантии оилаи мазкур маълумот дода шудааст ва намудҳое, ки ҷамоа ба амал меоранд, мавриди омӯзиш ӯ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои асосии рисолаи номзадӣ дар бобҳои 4 ва 5 дарҷ гардидаанд. Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум гардидааст, ки дар асоси коркарди маводҳои ҷамъовардашуда, намунаи гербарияҳо ва адабиётҳои мавҷуда рӯйхати намудҳои оилаи лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор тартиб дода шудааст, ки онҳо ба 33 авлод ҷудо гардидаанд, ки аз 72 намуд иборатанд. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ буда, 2 намудашон ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид гардидаанд.

Унвоҷӯ барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ намудҳои оилаи лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисорро бо флораи Тоҷикистони ҷанубӣ, Бадахшон, Қаротегин, дар муқоиса ба флораи дигар мамлакатҳо дар мисоли флораи Хакасия муқоиса намудааст.

Дар асоси таҳқиқоти бaанҷомрасида намудҳои оилаи лабгулҳои минтақаи таҳқиқшаванда 74 намудро дарбар мегиранд, ки қариб нисфи оилаи лабгулҳои Тоҷикистонро (198 намуд) ташкил медиҳанд (37,37%). Ин нишондод аз ғанӣ будани флораи оилаи лабгулҳои минтақа шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷа, унвонҷу Абдуғафури Сафар дар сатҳи баланд вазифаҳои дарпешгузоштаи худро иҷро намуда, таҳлилҳои аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ асоснок ба даст овардааст.

Хулосаҳо дақиқ буда, асоснок карда шудаанд ва пурра натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро инъикос менамоянд.

**Эродҳо оид ба баъзе камбудиҳои диссертатсия**

Бо вуҷуди ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки дар таҳқиқоти оянда ба инобат гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар рисола номгуйи 74 намуди растанҳо оварда шудааст, лекин муаллиф ҷойи намудҳоро бо GPS муайян накардааст, агар бо GPS муайян мекард хеле хуб мешуд.

2. Бисёр бамаврид мешуд, ки агар диссертант захираи растаниҳое, ки дар тибби мардумӣ ва илмӣ истифода бурда мешаванд муайян мекард.

3. Дар диссертатсия харитаи ареали растаниҳо оварда шудааст, хеле хуб мешуд, ки ҳудуди паҳншавии растаниҳо дода мешуд.

4. Муаллиф дар диссертатсия дар бораи растаниҳои эндемикӣ ва нодире, ки ба “Китоби сурх” дохил шудаанд маълумот овардааст, аммо дар бораи ҳолати кунунии онҳо маълумот надода шудааст.

5. Дар диссертатия баъзе камбудихои орфографи ва стелистики ҷой доранд.

Камбудиҳои баёншуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Унвонҷӯ вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффакият иҷро кардааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст, таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Аз рӯйи муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ доштани диссертатсия ба талаботи боби 3, бандҳои 31 ва 34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № таҳти 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Абдуғафури Сафар барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника сазовор аст.

Сарходими илмии Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбеков, АМИТ, д.и.б.
аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника Наврузшоев Д.

Имзои Д. Наврузшоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбеков, АМИТ Наврузқулова Л.

**Нишонӣ:**
736002, ш. Хоруғ, кӯчаи Холдоров-1,
Тел.:+(992) 93 601 10 48;
E-mail: dovutsho@mail.ru

17.05.2024 с